ДОНИШГОҲИ
ОСИЁИ МАРКАЗӢ

# Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон



*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Волоҳазрат Оғохон ҳангоми боздид.*

## Донишгоҳи Осиёи Марказӣ – як Донишгоҳ, се шаҳраки донишҷӯён

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ соли 2000 дар доираи шартномаи байни Ҳукуматҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Волоҳазрат Оғохон бо мақсади мусоидат намудан ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Осиёи Марказӣ, минҷумла манотиқи кӯҳистон таъсис ёфт. Шартномаи таъсис ва Оинномаи ин донишгоҳи хусусии дунявиро президентҳои ин мамлакатҳо имзо намуда, аз ҷониби парлумонҳои ҳар се кишвар ба тасвиб расида буд ва дар СММ ба қайд гирифта шудааст. Донишгоҳ бо мақсади рушди манотиқи кӯҳистон ва пешрафти аҳолии он ба ташаккул ва интишори донишу технология мусоидат хоҳад кард. Дар Тоҷикистон ҳамвора бо Донишгоҳ шабакаҳои фаръии Ташкилоти Оғохон оид ба рушд фаъолият мекунанд.

Ба ҳайати Донишгоҳ инҳо дохил мешаванд: Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (аввалин қисмати амалкунандаи Донишгоҳ), Мактаби илмҳои гуманитарӣ ва дақиқ (бакалавриат) ва Мактаби рушд (магистратура), ки баъд аз ба итмом расидани сохтмони шаҳракҳои донишгоҳ ба фаъолият шурӯъ мекунанд. Ба ғайр аз ин, дар Донишгоҳ се барномаи оид ба рушди нерӯ амал мекунанд, ки ба равнақи таълимию методӣ ва илмию тадқиқотии минтақа равона карда шудаанд. Инҳо Барномаи тайёр кардани муаллимону профессорон аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон ва Барномаи илмию тадқиқотӣ мебошанд. Аз ҷониби Донишгоҳ ҷамъулҷамъ 75 млн доллари ИМА барои соҳаи маорифу инфраструктура, аз он ҷумла зиёда аз 31 млн доллари ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда шудааст.

Ҳадаф аз ин варақаи иттилоотӣ шинос кардани хонандагон бо натиҷаи фаъолияти Донишгоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаррифӣ кардани сохторҳо ва нақшаҳоиояндаи Донишгоҳ мебошад.

## Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (ММКД)

Мақсади Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (ММКД) мусоидат намудан ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва қонеъ кардани талаботи ҷомеъаҳоест, ки дар шаҳракҳои Донишгоҳ ҷойгир мешаванд. Чунин муносибат барои Донишгоҳ имкон медиҳад, ки шунавандагони зиёдтарро фаро гирад. Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор дар Осиёи Марказӣ аввалин муассисаи таълимист, ки ба ҷавонон ва калонсолон баъди мактаби миёна таҳсили кӯтоҳмуддат ва гирифтани маълумоти касбҳои техникиро пешниҳод мекунад ва имкони бо кор таъмин будану зиёд намудани даромади шунавандагонро афзун мегардонад. Дар Тоҷикистон намояндагии Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор дар шаҳри Хоруғ ва Маркази таълимии он дар шаҳри Душанбе ҷойгир шудаанд.

Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор барои фаъолияти худ устодонро аз ҳисоби сокинони шаҳрҳои Хоруғ ва Душанбе тайёр намуд, ки шаш нафар муаллимони забони англисӣ соҳиби Шаҳодатномаи Палатаи савдо ва саноати Лондон, ду нафар соҳиби Шаҳодатномаи CELTA (муаллимони забони англисӣ барои калонсолон) ва ду мутахассис оид ба Технологияи иттилоотӣ соҳиби шаҳодатномаи Академияи Microsoft ва шаҳодатномаи ICDL (Шаҳодатномаи байналмилалии маълумоти компютерӣ) шуданд. Дар зер маълумоти умумии самтҳои фаъолияти Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор оварда мешавад:

**Технологияи муҳосибӣ**
Барномаҳои технологияи муҳосибии Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор шунавандагонро барои супоридани имтиҳонот бахри соҳиб шудан ба шаҳодатномаҳои байналмилалии Шӯрои муҳосибон ва аудиторони Аврупову Осиё, муҳосиби касбии шаҳодатномадор ва муҳосиби касбии байналхалқӣ тайёр мекунанд. Ғайр аз ин, Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор барномаҳоро барои хазинадорон/муҳосибони зинаи ибтидоӣ ба забонҳои давлатӣ ва барномаи шаҳодатномавии «Технологияи муҳосибӣ» пешниҳод мекунад.

Илова бар ин, Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор курсҳои такмили ихтисос - курсҳои муҳосибӣ, андоз ва ҳуқуқро пешниҳод мекунад. «Амонатбонк», Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ширкати «Помир Энерҷи», Почтаи Тоҷикистон ва Тоҷиктелеком аз ҷумлаи чунин мизоҷонанд.

**Забонҳои хориҷие, ки мавриди амал қарор доранд**
Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор барномаҳои омӯзиши забонҳои хориҷиро барои мақсадҳои амалӣ, ки то кунун ҳамто надоранд, пешниҳод мекунад. Инҳо омӯзиши забони англисӣ барои мақсадҳои академикӣ, забони англисӣ барои коргузории расмӣ, забони англисии гуфтугӯӣ, забони русӣ барои коргузории расмӣ, забони



*Намояндагони ҳукумати марказӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, донорҳо, дипломатҳо ва 36 нафар шунавандагони барномаи «Хиштчин/деворгар», «Дуредгар», «Андовагар/тахтасангчин» дар маросими ифтитоҳи намояндагии Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор дар шаҳри Хоруғ.*

дарӣ, забони форонсавӣ мебошанд. Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор бо дархости мақомоти давлатӣ барномаи омӯзиши забони тоҷикиро барои коргузории расмии аҳолии қирғиззабони ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) таҳия ва ҷорӣ намуд. Баланд гардидани қобилияти забондонии сокинони ин ноҳия ба онҳо имконияти фаъолият намудан дар сохторҳои ҳукуматӣ ва саҳмгузорӣ дар рушди мамалакат фароҳам меорад. Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор маркази ба қайдгирифташудаи имтиҳонии назди Шӯрои аттестатсионии Палатаи савдо ва саноати Лондон мебошад; Шаҳодатномаҳои Шӯрои аттестатсионии Палатаи савдо ва саноати Лондон дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф шудаанд.

Мактаб барои литсейи Оғохон, «Амонатбонк», Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда, Фурӯдгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе, Кумитаи заминсозӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони Вазорати тандурустӣ, мутахассисони мақомоти маҳаллии худидоракунии ноҳияи Мурғоб, Палатаи савдо ва саноат ва Саридораи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои омӯзиши забони англисиро доир намуд.

**Соҳибкорӣ**

Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор барномаҳои соҳибкориро ҳам барои ташкилоту муассисаҳо ва ҳам барои шунавандагони алоҳида пешниҳод мекунад. Мактаб тибқи дархости фармоишгарон якчанд курсҳои махсусгардонидашударо оид ба соҳибкорӣ ташкил намуд. Курсҳо мавзӯъҳоро доир ба андозбандӣ дар хоҷагии қишлоқ, татбиқи ислоҳот, муҳити меъёрию ҳуқуқии қарздиҳии хурд, ҳамкории бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ, рушд ва банақшагирии тиҷорат, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва омӯзиши занҷираи афзоиши арзиишро дар бар гирифтанд. Машғулиятҳо дар ҳамаи ноҳияҳои ВМКБ марказҳои маъмурии Ғарм ва Кӯлоб гузаронида шуданд.

Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор Маркази қарздиҳии хурд ва соҳибкориро барои ташкилотҳои қарздиҳии хурд, муассисаҳо ва соҳибкорони алоҳида таъсис медиҳад. Дар доираи ин барнома ҳамвора омӯзиш ва ҳам ҷамъоварию таҳлили таҷрибаи иштирокчиён бо мақсади рушд ва беҳбуди сиёсат ва амали давлат дар минтақа гузаронда мешаванд. Ба воситаи рушди малакаи соҳибкорон ва нерӯи идораҳои молиявӣ дар доираи ин барнома беҳтарсозии робита байни қарзгир ва муассисаҳои молиявӣ ва ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурд ва миёна дар назар дошта шудааст.

**Технологияи иттилоотӣ**

Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор соли 2007 ҳамчун маркази имтиҳонгирии Академияи Microsoft ва Certiport (сертификатсияи байналмилалии технологияи иттилоотӣ барои мутахассисони ин соҳа) ба қайд гирифта шуд. Аз соли 2009 Мактаб маркази санҷишии ба қайдгирифташудаи барномаи ICDL (Шаҳодатномаи байналхалқии саводи компютерӣ) мебошад. Дар ин барнома дарсҳо ва имтиҳонҳо ба забони русӣ пешниҳод мешаванд. Аз соли 2011 сар карда Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор ин дарсҳоро ба забони тоҷикӣ низ доир мекунад. Шаҳодатномаҳои ICDL дар миқёси ҷаҳонӣ эътироф гардидаанд ва мавҷудияти онҳо малакаҳои технологӣ ва имкониятҳои минбаъдаи бо кортаъминкунии соҳибони онҳоро зиёд мекунанд.

Мактаб курсҳои корпоративиро тибқи фармоиши муштариён аз қабили Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда, Ташкилоти кӯмаки техникии Олмон, Идораи давлатии гедрометеорология, мақомоти ҳифзи ҳуғуқ ва кормандони Сафорати ИМА курсҳои технологияи иттилоотӣ мегузаронад.

**Туризм**

Мактаб курсҳои мунтазамро оид ба туризм, аз қабили «Омӯзондани роҳбаладҳо» ва «Мутахассисони туризми кӯҳӣ» мегузаронад ва зимнан дар тайёр намудани роҳбаладҳои соҳибтахассус саҳмгузорӣ мекунад. Мактаб якчанд китобро ҳамчун маводи таълимӣ омода ва нашр намуд, ки китобҳои номзади илмҳои таърих Мира Бубнова «Харитаи археологии Тоҷикистон. Помири ғарбӣ» ва «Ҳифзи осори археологӣ» (бо се забон) аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Мактаб дар байни аҳолии ноҳияҳое, ки дар онҳо осори меъморӣ мавҷуд аст, оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ машғулиятҳои таълимӣ доир намуд. Мактаб инчунин оид ба туризми баландкӯҳ дарсҳо доир намуд, ки дар ҷумҳурӣ аввалин ба ҳисоб мераванд.

Хатмкунандагони курсҳои туристии мактаби мазкур ассотсиатсияи роҳбаладҳоро бо номи «Зери гардун» ва шабакаи экотуризмро дар Помир (PETNet) ташкил карданд. Мактаб инчунин, барои фармоишгарон ба монанди Ассотсиатсияи рушди туризм «Зарафшон» - туризми аспсаворӣ оид ба асосҳои аспсаворииı бехатар машғулиятҳо доир намуда, аз рӯи барномаи Microsoft Publisher барои операторони туристӣ курсҳо гузаронд.

**Кор бо аҳли ҷомеъа**

Мактаб барномаҳои худро оид ба кор бо аҳли ҷомеа фаъолона вусъат мебахшад. Аз ҷумла, мактаби мазкур дар доираи ҳамкорӣ бо шӯъбаҳои маорифи вилояту ноҳияҳо барои сокинони деҳоти тамоми навоҳии ВМКБ курсҳои забони англисиро пешниҳод мекунад, ки он дар 25 мактаби миёна 530 нафар хонандаро фаро мегирад.

**Маълумоти касбҳои техникӣ**

Мактаб аз соли 2008 барномаҳои ихтисоси базавиро дар соҳаи маълумоти касбҳои техникӣ аз рӯи ихтисосҳои «хиштчин/деворгар», «дуредгар», «андовагар/тахтасангчин» ва «мутахассисони васлгари таҷҳизоти сантехникӣ» амалӣ менамояд. Ба ғайр аз ин, мактаб оид ба тайёр кардани механикҳои автомобил курсҳо доир мекунад. Ҳамаи курсҳо аз тарафи Вазорати маориф тасдиқ шудаанд ва барои аҳолии калонсол дар такмили дониш ва гирифтани ихтисосҳои нав мусоидат мекунанд. Барномаҳои маълумоти касбҳои техникӣ аз рӯи усули «устод-шогирд» таҳия шудаанд, ки дар доираи он шунавандагон аз рӯи сохтори занҷирӣ таълим мегиранд, яъне модулҳои назариявӣ бо модулҳои таҷрибаи истеҳсолӣ паи ҳам меоянд. Ин ба шунавандагон имконият медиҳад, ки дар марҳилаи омӯзиш маош гиранд ва дар айни замон дониши дар синф гирифтаашонро дар амал татбиқ кунанд. Барномаҳои маълумоти касбҳои техникӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнати маҳаллӣ омода гардидаанд. Дар моҳи июни соли 2010 139 нафар шунавандагони барномаҳои маълумоти касбҳои техникӣ соҳиби сертификатҳои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ гардиданд.

**Ибтикороти соҳаи ҳамкориҳои байнисарҳадӣ**

Намояндагии Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор дар шаҳри Хоруғ соли 2007 бо назардошти дарки эҳтиёҷ ба маълумоти баъдимактабӣ ва баланд бардоштани ихтисос дар Афғонистон ба амалӣ сохтани курсҳои кӯтоҳмуддат ва барномаҳои сертификатсионӣ барои шунавандагони Афғонистон пардохт. Аз ҳамон лаҳза 27 шунавандаи афғон (қариб ҳамаи онҳо, ба ҷуз ду нафар, истиқоматкунандагони вилояти Бадахшони Афғонистонанд) дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, забони англисӣ ва туризм соҳиби сертификат гардиданд.

Намояндагии Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор дар шаҳри Хоруғ аз соли 2009 курсҳоро ба забони дарӣ пешниҳод намуд. Ҳоло Мактаб бо дастгирии ЮСАИД барномаи дусоларо пешниҳод менамояд, ки дар доираи он 60 шунавандаи ҷониби Афғонистон барои таҳисил дар курсҳои тахассусӣ дар шаҳри Хоруғ соҳиби стипендия гашта, си мутахассиси афғон барои ба ҳайси муаллими тахассуси сохтмонию техникӣ омода гардиданд. Донишгоҳ соли 2009 бо дастгирии ЮСАИД бо мақсади такомули минбаъдаи ҳамкориҳои байнисарҳадӣ дар шаҳри Файзобод (Афғонистон) дафтари барномаро ифтитоҳ намуд.

Намояндагии Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор бо мадади Ҳукумати Норвегия ва Фонди Оғохон дар Шуғнони Афғонистон синфи таълими компютериро таъсис намуд, ки он барои гузарондани дарсҳои забони англисӣ ва баланд бардоштани донишҳои компютерии ҳайати профессорону муаллимони Коллеҷи давлатии омӯзгорӣ истифода бурда мешавад. Соли 2010 бо дастгирии Донишгоҳ дар заминаи Коллеҷи омӯзгорӣ маркази расмии тестӣ оид ба барномаи Сертификати байналхалқии баланд бардоштани донишҳои компютерӣ (ICDL) кушода шуд.

**Ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ**

Соли 2007 Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи ҳусни тафоҳумро имзо намуданд, ки дар доираи он вусъат ёфтани ҳамкориҳо дар назар дошта шудааст. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ курсҳои сантехникии Барномаи касбҳои техникии

Донишгоҳи Осиёи Марказиро бо таҷҳизоти техникӣ таъмин намуд, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бошад омӯзгорони марказҳои таълими калонсолони Вазорати меҳнатро аз минтақаҳои кишвар аз курсҳои такмили ихтисос аз рӯи барномаи «1С: Бухгалтерия» гузаронд.

Дар доираи Созишномаи хусни тафоҳуме, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонданд Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор барои 5 нафар муаллимони литсеи № 77-и деҳаи Навободи ноҳияи Шуғнони ВМКБ сафари омӯзишии чорҳафтаинаро ба Олмон ташкил кард. Дар натиҷаи ин сафари омӯзишӣ Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор ва литсеи № 77 дар якҷоягӣ барномаҳои амиқи омӯзиши ихтисосҳои сохтмонию техникӣ ва электротехникӣ омода мекунанд.

## Барномаи таҳқиқоти илмӣ

Барномаи таҳқиқоти илмӣ соли 2008 бо мақсади ташаакул ва таҳкими мақоми Донишгоҳ ҳамчун маркази тадқитоти пешқадами илмии соҳаҳои рушди устувори минтақа таъсис ёфта буд. Барнома фаъолияти худро аз саҳмгузории зиёд бо мақсади дастгирӣ кардани ташаббусҳои тадқиқотӣ, аз ҷумла маблаггузории лоиҳаҳои илмӣ ва додани грантҳо ба олимони Осиёи Марказӣ ва кишварҳои хориҷӣ, таҳияи бунёди ҳифзи донишҳо ва шабакаҳои мубодилаи иттилоот ва ҷалби шарикони минтақавию байналхалқӣ ба ҳамкориҳои татбиқи лоиҳаҳои тадқиқотии муштарак оғоз намуд.

Дар Тоҷикистон тадқиқоти илмӣ дар соҳаҳои мероси фарҳангӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, омӯзиши илмҳои гуманитарӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва истифодаи самараноки замин бурда мешаванд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ чандин маротиба ба конференсияҳои мухталифи байналхалқию минтақавӣ пешниҳод шуда, дар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Донишгоҳ бо мақсади афзун намудани нерӯ ва методологияи соҳаи фаъолияти илмию тадқиқотӣ бо чандин шарикон ҳамкорӣ дорад, аз ҷумла бо Маркази илмӣ оид ба рушд ва ҳифзи муҳити зисти Донишгоҳи Берн, Донишгоҳи Залсбург, Донишгоҳи Славянии Қирғизистону Россия, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва дигар мактабҳои олӣ ва ташкилотҳо дар соҳаи рушди системаи иттилооти ҷуғрофӣ дар Тоҷикистону Қирғизистон ва баланд бардоштани тахассуси кормандони соҳаи мазкур. Ғайр аз ин, Донишгоҳ ба ҳайси базаи Бюрои ҳамоҳангсозии барномаи тадқиқоти илмии «Шимол-Ҷануб»-и Швейсария, макони ҷойгиршавии намояндагиҳои минтақавии шарикӣ дар кӯҳсор, Анҷумани кӯҳсор ва консорсиуми «Шарикӣ дар кӯҳсор» пазируфта шудааст.

## Барномаи тайёр намудани устодон аз Осиёи Марказӣ (CAFDP)

Барномаи тайёр намудани ҳайати профессорону муаллимон аз Осиёи Марказӣ (CAFDP) таҳсили муҳаққиқони лаёқатманди Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистонро дар барномаҳои докторӣ ва магистрӣ дастгирӣ менамояд. Онҳое, ки таҳсилро дар доираи барномаи CAFDP бо муваффақият хатм мекунанд, ба муддати панҷ сол дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ кор мекунанд ва дар фаъолияти таълимӣ ва корҳои илмию тадқиқотии ин донишгоҳ фаъолона ширкат меварзанд.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ тасмим гирифтааст, ки на камтар аз 80 фоизи ҳайати устодонашро аз ҳисоби шаҳрвандони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, ки дорои таҷрибаи корӣ дар хориҷа ва унвонҳои илмии донишгоҳҳои пешқадами дунё мебошанд, ташкил намояд. Дар доираи CAFDP Барномаи донишгоҳҳои шарик таҳия мегардад, ки ба шарофати он стипендиягирандагони CAFDP барои гирифтани таълим дар донишгоҳҳои шарик аз рӯи барномаҳои магистрию докторӣ аз ҷиҳати молиявӣ пурра ҷонибдорӣ карда мешаванд. Барномаи CAFDP-и Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо Донишкадаи технологии Осиё, Донишгоҳи Карлтон, донишгоҳҳои Хадамоти мубодилаи илмии Олмон (ДААД), Мактаби идораи давлатии ба номи Ли Куан Ю-и Донишгоҳи Миллии Сингапур, Донишгоҳи Мичиган, Донишгоҳи Алберт, Донишгоҳи Берн, Донишгоҳи Кембриҷ, Донишгоҳи Эксетера ҳамкориҳоро барқарор намудааст.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ аз соли 2008 то соли 2010 барномаи тайёр намудани устодонро аз Осиёи Марказӣ ба миқдори 345 ҳазор доллари ИМА маблаггузорӣ` намудааст;инчунин саҳми донишгоҳҳои ҳамкор дар ин барнома 440 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Донишгоҳ дар доираи барномаи CAFDP таҳсили се нафар унвонҷӯи дараҷаи доктириро аз Тоҷикистон дастгирӣ менамояд. Соли 2010 Муродбек Лалҷебаев ва Ситора Шокамолова таҳсилро дар Мактаби идораи давлатии ба номи Ли Куан Ю-и Донишгоҳи Миллии Сингапур бо гирифтани унвони магистри соҳаи сиёсати давлатӣ бо муваффақият ба итмом расонданд. Соли 2011 Фаррух Назармавлоев таҳсилашро аз рӯи барномаи магистрӣ дар соҳаи тадқиқоти фосилавии иттилоот ва системаи иттилоотии географӣ дар Донишкадаи технологии Осиё хатм мекунад. Интизор меравад, ки дарояндаи наздик Амришо Лашкариев, Бунафша Мислимшоева, Аскаршо Зеваршоев, Зулфия Бахтибекова, Дилрабо Ҷонбекова, Пӯлод Исобаев дар риштаҳои этнология, экология, истифодаи оқилонаи замин ва захираҳои табиӣ, сотсиология, маориф ва корҳои муҳандисии соҳаҳои сохтмони шаҳрвандӣ ва ҳифзи табиат соҳиби унвони докторӣ хоҳанд гашт.

## Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон

Барнома аз соли 1997 бо мақсади омӯзиши масъалаҳои рӯзмарраи муносибати инсон ва ҷомеъа аз нуктаи назари ҳамгироии фанҳои гумантарӣ ва ташаккули малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва навиштани кори илмӣ фаъолият намуда истодааст.

Ин барнома, ки пештар як бахши Муассисаи Оғохон оид ба фарҳанг буд, аз соли 2007 ба ихтиёри Донишгоҳи Осиёи Марказӣ гузашт. Барнома бо олимони минтақа ва хориҷаи дур робитаи зич дошта, бо донишгоҳҳои ҳар се мамлакат – муассисони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҳамкорӣ дорад.

Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон дар Тоҷикистон бо 12 муассисаи таълимӣ ҳамкорӣ дорад. Дар доираи ин ҳамкорӣ мутахассисони Барнома ба муассисаҳои ҳамкор кӯмаки методӣ мерасонанд, ба онҳо маводи таълимии ҳамгироии илмҳои гуманитариро дастрас мегардонанд ва ҳамин тариқ, ин Барнома зиёда аз 3 ҳазор шунавандаро дар бар мегирад. Дар Тоҷикистон 60 нафар омӯзгорон аз рӯи маводи таълимии ин Барнома дарс мегузаронанд; машғулиятҳо чӣ дар шакли курсҳои алоҳидаи махсус ва чӣ дар шакли илова ба фанҳои мавҷуда доир мегарданд.

Аз соли 2004 дар доираи барномаи «Илмҳои гуманитарӣ ба забони англисӣ» таълими илмҳои гуманитарӣ барои хонанадагони синфҳои болоӣ ва донишҷӯёни донишгоҳҳои Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Мақсади ин барнома ташаккули малакаҳои муошират ва малакаҳои таълимии шунавандагон, инчунин тақвияти маҳорати тафаккури интиқодии онҳо мебошад. Хатмкунандагони Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон дар донишгоҳҳояшон бо мақсади паҳн намудани дониши андӯхтаашон ва ҳавасманд гардондани шарикдарсонашон маҳфилҳои баҳс ташкил намуданд. Маводи таълимии барнома инчунин дар таълими хонандагони синфҳои болоӣ дар доираи стипендияҳои хурди барномаи Сафорати ИМА - ACCESS истифода мешаванд. Донишгоҳ ин барномаро аз моҳи сентябри соли 2010 ҷоибдорӣ мекунад.

*«Ман ҳадафи Донишгоҳи Осиёи Марказро дар минтақа хуш қабул дорам, ки он на танҳо маълумот медиҳад, балки дар оянда ба таконидиҳандаи муқтадири рушди маишӣ ва иқтисодӣ табдил меёбад. Мавзӯи тадқиқоти ман никоҳи бармаҳал ва масъалаҳои гендерӣ мебошад. Ман фикр мекунам, ки оила қисмати муҳимми ҷомеа ба ҳисоб меравад ва агар он такмил ёбад, Тоҷикистон имконияти иловагиро барои рушди маишӣ ва иқтисодӣ ба даст меорад. Дар рафти тадқиқоти илмиам ман дарк намуда истодаам, ки хона дорам ва маро он ҷо интизоранд ва ман метавонам дар рушди Осиёи Марказӣ ҳиссаи худамро гузорам».*

– Зулфия Бахтибекова, унвонҷӯи барномаи доктории Донишгоҳи Эксетер (Британияи Кабир)





*Намуди шаҳраки донишчуёни Хоруг. Маблағгузории пешбинишуда барои солҳои наздик 250 млн доллари ИМА ташкил медиҳад.*

## Рафти корҳои сохтмонӣ

Донишгоҳ сохтмони шаҳраки донишҷӯёнро дар майдони 84 гектар дар шаҳри Хоруғ идома дода истодааст. Шаҳраки донишҷӯён аз иморатҳои ба тарзи замонавӣ муҷаҳҳаз барои 1 200 нафар донишҷӯёну устодон ва ҳайати хизматрасони Донишгоҳ иборат хоҳад буд. Тарҳи шаҳраки донишҷӯёнро меъмори шинохтаи ҷопонӣ Арата Исозаки омода намудааст. Ҳамаи донишҷӯён ва қисмати асосии устодон ва кормандон дар шаҳраки донишҷӯён зиндагӣ хоҳанд кард. Ин шаҳрак дорои китобхона, толори маҷлисҳо, маркази варзишӣ, маркази омода намудани роҳбарони зинаҳои болоӣ, боғчаи бачагон ва толор барои баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва оммавӣ хоҳад буд, ки ҳамаи ин 125 000 метри мураббаъ иншоотро дар бар мегирад.

Донишгоҳ як бинои сеошёнаро дар шаҳри Хоруғ барои ҷойгир кардани намояндагии Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор таъмир намуд.

Раванди ба ихтиёри Донишгоҳ додани замин дар охирҳои соли 2007 ба итмом расида буд.

То ҳол дар майдони сохтмони шаҳраки донишҷӯён корҳои зиёде амалӣ гардидаанд. Роҳҳои нав ба мавзеи сохтмон сохта шудаанд, роҳҳои маҳаллии мавҷуда таъмир ва иншоотҳои муҳофизат аз хатарҳои табиӣ («деворҳои забз») бунёд гардидаанд; соли 2011 ҷараёни омодасозии майдони сохтмон идома меёбад. Инчунин боғҳои ниҳолпарварӣ бунёд гардиданд, ки дар онҳо барои кабудизоркунӣ, ки ҷузъи корҳои ободонии ҳудуди шаҳраки донишҷӯён хоҳад буд, ҳар гуна ниҳолҳо парвариш карда мешаванд.

Дар корҳои сохтмони Донишгоҳ дар шаҳри Хоруғ 215 нафар иштирок карданд, ки ҳамаи онҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонанд.

Барои корҳои сохтмонӣ дар шаҳри Хоруғ аз тарафи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ 19,7 млн доллари ИМА сарф гардидааст, ки аз ин 5 млн доллари ИМА бевосита барои сохтмон маблағгузорӣ шудааст. Корҳои сохтмонии Донишгоҳ дар шаҳри Хоруғ дар солҳои наздик ба миқдори зиёда аз 250 млн доллари ИМА маблағгузорӣ карда мешаванд.

## Маблағгузории Донишгоҳӣ Осиёи Марказӣ

(доллари ИМА)




## Фарогирӣ

- 170 нафар омӯзгорони таълимгирифта барои доир намудани дарсҳо дар 35 мактаби олӣ бо фарогирӣ аз 6 600 шунаванда маводи таълимии Барномаи Инсоншиносии Оғохонро истифода мебаранд
- Ҳамкорӣ бо 9 донишгоҳи хориҷӣ
- 22 стипендия дар доираи Барномаи тайёр намудани устодон аз кишварҳои Осиёи Марказӣ
- 25 000 шунавандаи ММКД
- 400 корманд (зиёда аз 95% шаҳрвандони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ)
- Ҳар сол ба ҳисоби миёна 400-450 нафар машғули корҳои сохтмонианд

**Идораи маъмурии ДОМ**
720001, Ҷумҳурии Қирғизистон,
ш. Бишкек, кӯчаи Токтогул 138а
Тел.: +996 (312) 910 822
Факс: +996 (312) 910 835
info@ucentralasia.org

**Намояндагии ММКД дар ш. Хоруғ**
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи Ленин 126
Тел.: +992 (3522) 22 277
Факс: +992 (3522) 22 778
spce.khorog@ucentralasia.org

**Маркази таълимии БИО/ММКД дар ш. Душанбе**
734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Дӯстии халкҳо 47а
Тел.: +992 (37) 224 58 23
Факс: +992 (37) 221 25 09
spce.dushanbe@ucentralasia.org

*© ДОМ, Декабри соли 2010*